**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович, дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни зироатҳои кишоварзӣ, картошка аз рӯйи истеҳсоли маҳсулот, ҳосилнокӣ ва самтҳои истифодабарӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Дар афзун намудани истеҳсоли картошка, махсусан навъҳои серҳосил ва сифати тухмӣ нақши калидиро мебозанд. Ба роҳ мондани корҳои селексионӣ, интродуксияи навъу намунаҳо барои шароитҳои гуногуни парвариш ва истеҳсоли тухмии аълосифат, яке аз омилҳои ҳалкунандаи пешрафти соҳаи мазкур ба шумор меравindepend.

Таҳқиқотҳои илмии Акрамов А.Х ба мутобиққунии навъҳои нави картошка, ки иқтидори баланди маҳсулнокӣ доранд, дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт равона гардидааст.

Навгонии мавзӯи таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки бори аввал дар шароити мавзеи Лахши водии Рашти Тоҷикистон дар асоси таҳқиқотҳои комплексӣ омӯзиши хусусиятҳои биологӣ селексионӣ, агроэкологӣ ва маҳсулнокии навъҳои нави интродуксионии картошка ба роҳ монда шуда, дар асоси он ҷараёни мутобиқшавӣ, хосиятҳои морфобиологии навъҳои нави картошка омӯхта шудааст. Алоқамандии байни аломатҳои гуногуни навъҳои нави картошка дар минтақаи кӯҳӣ, давомнокии давраи нашъунамои онҳо, устоврии навъҳо ба касалиҳо ва дараҷаи таъсиррасонии ҳашаротҳои зараррасон муқаррар гардида, самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар баландии зиёда аз 2100 метр аз сатҳи баҳр муайян карда шудааст.

Аҳамияти таҳқиқотҳои илмии Акрамов А.Х. дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои сарои ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланду хушсифати картошка мебошад. Инчунин, баҳодиҳии навъҳои нави картошка вобаста аз сифати тухмӣ, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокӣ навъҳо муайян карда шудааст.

Акрамов А.Х. бо 9 навъи картошка таҷрибаои сарои гузаронида, навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бриз, ки аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворӣ ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳои зери омӯзиш қарордошта фарқ доштанд, интихоб намуда ба истеҳсолот тавсия намудааст.

Навъҳои тавсияшаванда дар истеҳсолот тадбиқ карда шуда, тибқи санади пешниҳод намуда ҳоло дар майдони бештар аз 20 га дар шароити

ноҳияи Лахш парвариш карда аз ҳар гектар то 30- 40 тонна ҳосилнокиро таъмин карданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба чоп расидаанд, ки мазмунуну мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро дар бар мегиранд. Натиҷаҳои таҳқиқот аҳамияти назариявию илмию амалӣ дошта, хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф асоснок будани натиҷаҳои таҳқиқотро нишон медиҳад.

Нисбати автореферати диссертатсия якчанд эродҳо ба назар мерасад:

1. Вазни миёнаи лунда нишон дода нашудааст, ки аз он ҳосилнокии зироат вобаста мебошад;
2. Таҳлили крахмалнокии лӯндаи намунаҳои картошка зарур ба ҳисоб меравад;
3. Дар кадом асос навъи вектар, ки 103 рӯз нашъунамо дорад ба истеҳсолот тавсия шудааст.

Эродҳои номбаршуда рисолаи унвонҷӯйро коста нагардонида, ба осониислоҳшаванда мебошад.

Автореферати рисолаи илмӣ бо забони оммафаҳм ва мантиқан бо якдигар вобастагии нишондиҳандаҳоро дар бар гирифтааст ва хулосаҳои ҷамбастӣ натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифро инъикос мекунанду ӯнвонҷӯ - Акрамов Абдуҳалим Холович сазовори гирифтани унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Профессори кафедраи меваю сабзавот
ва токпарварии Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур,
д.и.к., академики АИКТ Ахмедов Т.А.

Имзои Ахмедов Т.А.-ро тасдиқ менамоям,
сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.

14.05.2024

Суроға: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Тел.: 907 75 11 71, E-Mail.: rectortau31@mail.ru